**Суратмаҷлиси №6**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-082-и назди**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «28» ноябри соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 28- уми ноябри соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-082, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024 таҳти №443/шд тасдиқ гардидааст, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад оиди оғози кори шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои рисолаи илмии **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Муродзода Аҳмадхон Амрохон -** доктори илмҳои таърих, директори иниституту таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Академияи милии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович** – аъзои шуро, профессор, доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.

**2. Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.
3. **Унвонҷӯ:** Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Абдуллоев М.Х., Зикриёева М.Ф., Баҳодурзода Б.Ф., Баротов М.Ю., Гадозода А., Қурбонов Б.Р., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, чавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ: Муродзода Аҳмадхон Амрохон -** доктори илмҳои таърих, директори иниституту таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Академияи милии илмҳои Тоҷикистон.

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии

Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) бо имзои **раиси ҷаласа** номзади илмҳои таърих, дотсент мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Суфиев С.Н., **ташхисгар,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик Абдуллоев М.Х. ва **котиби ҷаласа,** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик Ватанзода Ш.В. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ номзади илмҳои педагогӣ, дотсенд Сафарзода М.В. аз 10- уми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Ҳиматзода Ҳ.Ҳ.** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович** – аъзои шуро, профессор, доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.

2. **Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-082 аз номи шахсони зерин 3 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати **Ҳиматзода Ҳ.Ҳ.** ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

1. **Алишери Амирхон** – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара». Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. **Ҳомидзода Ф.М.** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.
3. **Маҳмадзода У.Д.** – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети дипломатия ва сиёсати АИДНПҶТ. Тақриз мусбат мебошад.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ **Ҳиматзода Ҳ.Ҳ.** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Абдуллоев М.Х., Баҳодурзода Б.Ф., Баротов М.Ю. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 9 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-профессорон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравнад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 9 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани

дарачаи илмии номзади илм барои дарёфти дарачаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) **хулосаи мусбати** муқарризон, натичаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натичаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Муҳидинов Саидалӣ Рачабович** – аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессор аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ, ва **Чонмуродов Шамшод Мирзоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ», аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натичаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундаричаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** дарачаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои тадқиқоти таърихӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** додани дарачаи илмии номзади илм аз рӯйи

ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дастгирӣ намуда, барои додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 9 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.

"28" ноябри соли 2025